# ПРОТОКОЛИ

## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-15 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 07.06.2023 с. ш. Душанбе

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022 таҳти №17/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд, аз инҳо 5 нафар мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Касе, ки барои кушодани маҷлиси шӯро розӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид, бетараф? Нест. Бо як овоз қабул шуд.

### РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои унвонҷӯи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна дар мавзӯи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– иқтисодиёти саноат ва энергетика).

Роҳбари илмӣ:

Авезова Маҳбуба Мухамедовна д.и.и., профессори кафедраи иқтисоди муҳандисӣ ва менеҷменти ДПДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ.

Муқарризони расмӣ:

Аҳророва Алфия Додохоновна - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ;

Хоҷаев Диловар Хайриддинович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар: Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон.

Раис: Кӣ ҷонибдори рӯзномаи пешбинишуда аст, марҳамат овоз дода шавад. Бетараф - нест. Муқобил - нест. Якдилона тасдиқ карда шуд.

Сухан барои шинос намудани ҳозирин бо мундариҷаи асосии ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ ба котиби илмии шӯро, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ашурзода Ашур Нурулло дода мешавад.

Котиби илмӣ: Маълумотномаи Ҳомидова Машҳура Исматҷоновнаро қироат мекунад.

Раис: Ба котиби илмӣ савол ҳаст? Савол нест. Сухан ба унвонҷӯ Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна барои маърӯза оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дода мешавад.

Ҳомидова М.И..: Баромад мекунад.

Раис: Кӣ ба Ҳомидова М.И.. савол дорад? Марҳамат, аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ: д.и.и, профессор Рауфӣ А, д.и.и., профессор Ҳамроев Ф.М. д.и.т., дотсент Фохаков А. С. д.и.и, профессор Исайнов Ҳ.Р.

Ҳомидова М.И.: Ба саволҳо ҷавоб медиҳад.

Раис: Боз кӣ савол дорад? Савол нест? Кифоя. Сухани навбатӣ ба роҳбари илмии унвонҷӯ Авезова Маҳбуба Мухамедовна д.и.и., профессори кафедраи иқтисоди муҳандисӣ ва менеҷменти ДПДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ дода мешавад.

Роҳбари илмӣ: Авезова Маҳбуба Мухамедовна. Баромад мекунад (тақриз замима мегардад).

Раис: Сухан ба котиби Шӯрои диссертатсионӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ашурзода Ашур Нурулло барои шинос намудани ҳозирин бо хулосаи комиссияи экспертӣ, тақризи муассисаи пешбар ва дигар тақризҳо, ки ба автореферати диссертатсия навишта шуда, ба шӯро ворид шудаанд, дода мешавад.

Котиби илмӣ: қироат мекунад:

1. Хулосаи комиссияи экспертӣ.

2. Тақризи муассисаи пешбар (замима мегардад).

3. Тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда (замима мегардад).

Раис: Ташаккур! Оид ба тақризҳои қироатгардида ба котиби шӯро саволҳо ҳаст? Нест. Сухан ба унвонҷӯ Ҳомидова М.И.. барои ҷавоб додан ба эродҳои муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферат воридгардида дода мешавад.

Ҳомидова М.И..: Баромад намуда, ба эродҳои муассисаи пешбар ва эродҳои ба тақризҳо воридшуда ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - Аҳророва Алфия Додохоновна - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дода мешавад.

Авезов А.Ҳ.: Тақризро қироат мекунад (Тақриз замима мегардад).

Раис: Сухан ба унвонҷӯ Ҳомидова М.И.. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

Ҳомидова М.И..: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - Хоҷаев Диловар Хайриддинович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дода мешавад.

Хоҷаев Д.Х.: Тақризро қироат мекунад (тақриз замима мегардад).

Раис: Ташаккур! Сухан ба унвонҷӯ Ҳомидова М.И.. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

Ҳомидова М.И..: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Ба мубоҳиса мегузарем. Сухан ба аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, ки аз тарафи шӯро ҳамчун мутахассис оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда эътироф шудаанд, дода мешавад. Баромад намуданд: д.и.и., профессор Исайнов И.Р. , д.и.и. профессор Низамова Т.Д.,, н.и.и. дотсент Ашурзода А.Н баромад намуданд.

Раис: Агар боз хоҳишмандон бошад, марҳамат. Хоҳишмандон нест? Кифоя.

Сухан ба унвонҷӯ барои ҷавоб додан ба муқарризони ғайрирасмӣ дода мешавад. Марҳамат!

Ҳомидова М.И..: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ҷавоб мегардонад, ҳамзамон сухани ҷамбастиро қироат мекунад.

Раис: Ташаккур! Акнун мегузарем ба тартиби овоздиҳии пинҳонӣ. Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ зарур аст, ки комиссияи ҳисобро интихоб намоем.

Чӣ хел пешниҳодҳо, аз рӯи шумора? 3 нафар. Марҳамат! Зид, бетараф нестанд! Марҳамат! Мушаххас киҳо? Пешниҳод шуд, ки ба комиссияи ҳисоб аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфӣ А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоев О., ва доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Каримова М.Т пешниҳод карда шаванд.

Дигар пешниҳодҳо нест? Нест. Кӣ тарафдори ҳайати комиссияи интихобӣ мебошад, марҳамат овоз диҳад. Тарафдор 10 Зид - нест. Бетараф - нест. Якдилона қабул шуд. Ташаккур!

Марҳамат! Гурӯҳи комиссияи ҳисоб хоҳишмандам ба вазифаи худ шурӯъ намоянд. (Овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

Раис: Сухан ба раиси комиссияи ҳисоб доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфӣ А дода мешавад. Марҳамат!

Рауфӣ А: Ташаккур! Муҳтарам раис! Муҳтарам аъзои Шӯрои диссертатсионӣ! Иҷозат диҳед суратҷаласаи №2 ҷаласаи комиссияи ҳисоб аз 7 июни соли 2023, ки аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015 интихоб шудааст, ба саҳми шумо расонам. Комиссияи овоздиҳӣ дар ҳайати 3 нафар: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфӣ А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоев О., ва доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Каримова М.Т таъсиси дода шуда буд. Комиссияи интихобшуда барои ҳисоби овозҳои пинҳонӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна. мебошад.

Дар маҷлис иштирок доштанд: 10 нафар аъзои Шӯро, докторони илм аз рӯйи соҳаи дар диссертатсия баррасишаванда 4 нафар, номзади илм 1 нафар. Варақаҳои интихобии тақсимшуда 10 адад, варақаҳои интихобии тақсимнашуда нест, варақаҳои бекоршуда нест.

Натиҷаи овоздиҳӣ оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна. чунин аст. Тарафдор – 10 нафар, бетараф – нест, варақаҳои бекор – нест.

Раис: Ташаккур! Кӣ тарафдори он ки протоколи комиссияи ҳисоб тасдиқ карда шавад, марҳамат, овоз диҳед. Тарафдор – 10 нафар, зид - нест, бетараф - нест. Якдилона қабул шуд. Ташаккур.

Мутобиқи дастурамали КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мо ба баррасии лоиҳаи хулосаи Шӯрои диссертатсионӣ мегузарем, ки дар оғози ҷаласа ба ҳамаи аъзоёни шӯро тақсим шуда буд. Чӣ гуна таклифҳо мешаванд? Биёед, муҳокима мекунем. (Аъзоёни шӯро эродҳо ва иловаҳои худашонро баён мекунанд, муҳокима меравад). Кӣ тарафдори он аст, ки хулоса дар маҷмуъ қабул карда шавад, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Хулосаи шӯро якдилона дар таҳрири зерин қабул мегардад.

Аъзоёни шӯро: Бо назардошти пешниҳодҳо қабул карда шавад.

Раис: Кӣ ҷонибдори бо дарназардошти пешниҳодҳо қабул гардидани хулосаи Шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи диссертатсияи Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна. мебошад, марҳамат овоз диҳед. Муқобил, бетараф - нест. Якдилона қабул карда шуд.

Иҷозат диҳед, қарори Шӯрои диссертатсиониро барои ҳимояи диссертатсияи Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна. эълон кунам.

ҚАРОРИ

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 7 июни соли 2023, № 2 ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– иқтисодиёти саноат ва энергетика, тақризи роҳбари илмӣ - д.и.и., профессори кафедраи иқтисоди муҳандисӣ ва менеҷменти ДПДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ, Авезова Маҳбуба Мухамедовна тақризи муассисаи пешбар - Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: Аҳророва Алфия Додохоновна - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи техникии

Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ; Хоҷаев Диловар Хайриддинович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонва баромадҳои мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., профессор Исайнов И.Р. , д.и.и. профессор Низамова Т.Д.,, н.и.и. дотсент Ашурзода А.Н Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна.

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна дар мавзӯи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– иқтисодиёти саноат ва энергетика ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ба Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 -Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна. бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонада шавад.

Кӣ тарафдори қарори Шӯрои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид - нест, бетараф - нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шӯро: иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бо муваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шӯро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шӯрои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

Раиси
Шӯрои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор — Низамова Т.Д.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ
н.и.и., дотсент — Ашурзода А.Н.

7 июни соли 2023

Муҳри муассиса

**ҚАРОРИ**

**Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ**

аз 07 июни соли 2023, № 2 ш. Душанбе

Диссертатсияи Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна дар мавзуи «Механизми ташкилӣ–иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика), пешниҳод ва шунида шуда, мавриди муҳокима қарор гирифт.

Вобаста ба тақризи роҳбари илмӣ Авезова Маҳбуба Мухамедовна - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди муҳандисӣ ва менеҷменти Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, тақризи муассисаи пешбар – Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ Ахророва Алфия Дадохоновна доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири маркази илмӣ-тадқиқотии “Энергетика” ИИТ “Политехник”, профессори кафедраи иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолоти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, , Хоҷаев Диловар Хайриддинович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва баромадҳои муқарризҳои ғайрирасмӣ: д.и.и., профессор Исайнов Ҳисайн Рахимович, д.и.и., профессор Низамова Тӯҳфамоҳ Давлатовна, н.и.и., дотсент Ашурзода Ашур Нурулло Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамияти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна.

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна дар мавзуи «Механизми ташкилӣ–иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст, ба

талаботи пешниҳодшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 -Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) сарфароз гардонида шавад.

4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки Қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Ҳомидова Машҳура Исматҷоновнаро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

**Раиси**
**Шӯрои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Низамова Т.Д.**

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ**
**н.и.и., дотсент** **Ашурзода А.Н.**

**7 июни соли 2023**

**Имзои** д.и.и., профессор Низамова Тӯҳфамоҳ Давлатовна ва н.и.и., дотсент Ашурзода Ашур Нурулло тасдиқ мекунам.

Сардори ШКваКМ Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ Шарипова Д.

**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № 6

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 07.06.2023, № 2

Барои сазовор донистани Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика).

Диссертатсияи Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна дар мавзуи "Механизми ташкилӣ–иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– иқтисодиёти саноат ва энергетика) 29-уми марти соли 2023, суратмаҷлиси №7 аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10), ки он дар асоси фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №11/шд таъсис дода шудааст, ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна 20-уми июли соли 1989 дар ноҳияи Removedобоҷон Ғафуров таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Соли 2007 гимназияи назди Филиали Хуҷандии Донишкадаи политехникии Донишгоҳи Техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимиро бомуваффақият хатм намуда, ҳамон сол ба Донишкадаи болозикри факултети технологӣ, ихтисоси таъмини барқ дохил гардид. Донишгоҳи номбаршударо соли 2012 - ум бомуваффақият хатм намуда, соҳиби тахассуси муҳандис – барқчӣ (дипломи ДТО №0123035, ш. Хуҷанд 16.06.2012, рақами қайд- №1322) гардид. Соли 2014 Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна дар Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон ба ҳайси ассистенти кафедраи таъминоти барқ фаъолияти меҳнатияшро оғоз намуд. Аз соли 2017 - ум ӯ ба вазифаи муовини декан оид ба корҳои илмии факултети электромеханика таъин шуда, то ҳол фаъолият бурда истодааст.

Номбаршуда ба аспирантураи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ дохил гардидааст (фармоиш аз санаи 28.12.2016с., № 266 "ҲД").

Соли 2021 аз рӯи ихтисоси зикршуда Ҳомидова М.И. аспирантураро бо муваффақият хатм намудааст (фармоиш аз санаи 02.01.2021с., № 234 "ҲК").

**Роҳбари илмӣ:** Авезова Маҳбуба Мухамедовна - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди муҳандисӣ ва менеҷменти Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ахророва Алфия Дадохоновна –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири маркази илмӣ-тадқиқотии "Энергетика" ИИТ "Политехник", Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, профессори кафедраи иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот.

**Хоҷаев Диловар Хайриддинович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар**: Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон ба сифати муассисаи пешбар тақризи мусбии худро, ки аз ҷониби ташхисгар – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти соҳавии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон Раҳимов З.С. таҳия шудааст, пешниҳод кардааст (тақриз замима шудааст).

Хулосаи мусбии муассиса дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти соҳавии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, суратҷаласаи №9 аз 25 апрели соли 2023 баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, мудири кафедра, номзади илмҳои иқтисодӣ, Турсунов Р.Р., ташхисгар - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедра Раҳимов З.С. ва котиби ҷаласа саромӯзгори кафедра Пираков Қ.Ҳ. имзо шуда, аз тарафи ректори муассиса, номзади илмҳои кимиё, дотсент, Исозода Д.Т. санаи 27.04.2023 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзуи "Механизми ташкилӣ–иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – иқтисодиёти саноат ва энергетика) ҳамчун кори илмӣ-тадқиқотии мустақил ва ба анҷомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияҳои номзадӣ, ки бо «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба механизми ташкилӣ иқтисодии ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва

қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ 21 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия чопшуда дорад:

[1-М] **Ҳомидова М.И.** Фаъолияти самараноки инфрасохтори энергетикии минтақа ҳамчун омили рушди устувори он. [Матн] / М.И Ҳомидова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2019. - № 4. – С. 64 - 67.

[2-М] **Ҳомидова М.И.** Инфрасохтори энергетикӣ – раванди тараққиёти он: муаммо ва роҳҳои ҳалли он. [Матн] / М.И Ҳомидова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2019. - № 4. – С. 131 - 134.

[3-М] **Хомидова М.И.** Методология оценки эффективности функционирования электроэнергетической производственной инфраструктуры региона. / М.М. Авезова, М.И. Хомидова [Текст] // Международный научный журнал. Москва, 2020 № 5. С. 51-64.

[4-М] **Ҳомидова М.И.** Таъсири омилҳои асосии инфрасохтори электроэнергетикӣ ба рушди иҷтимою иқтисодии вилояти Суғд [Матн] /М.И. Ҳомидова //Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаҳои илмҳои ҷомеашиносӣ. Хуҷанд: 2022с. №4 С.94-103.

[5-М] **Ҳомидова М.И.** Роҳҳои баланд бардоштани самараи фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Авезова М.М., Ҳомидова М.И. // “Паёми политехникӣ. Бахши Интеллект. Инноватсия. Инвеститсия” Душанбе: 2022 №4 (60), С.68-73.

**Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

[6-М] **Ҳомидова М.И.** Муаммоҳои муосири системаи электроэнергетикии Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли он // М.И. Ҳомидова, Н.Абдилламидов, Паёми ДПДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ // Маҷаллаи илмӣ – техникӣ, 2017, №4 (5) - С. 30–35.

[7-М] **Ҳомидова М.И.** Усули ҳисоби таносуби печак ва буриши кӯндалангии сим барои трансформатори саноатии камиқтидор // М.И. Ҳомидова, Н.Абдилламидов, Паёми ДПДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ // Маҷаллаи илмӣ – техникӣ 2018, №2 (7) С.35-41.

[8-М] **Ҳомидова М.И.**Рушди энергетикӣ – рушди иқтисодиёти мамлакат / М.И.Ҳомидова // Маводи конференсияи дуюми илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони “Технологияи муосир дар электроэнергетика ва саноат” ДПДТТ ба номи ак.М.С.Осимӣ Хуҷанд, 2018. – С.22 – 24.

[9-М] **Ҳомидова М.И**. Самтҳои асосии рушди энергетикаи минтақаҳо / М.И. Ҳомидова, У.Б.Одирматова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ

– амалии «Энергетикаи минтақа: ҳолат ва рушди дурнамо» / ДТТ М.С. Осимӣ.- Душанбе: 2019с. – С 201-205.

[10-М] **Ҳомидова М.И**. Ҳолати сифати қувваи барқ дар корхонаҳои саноатӣ / Ш.А. Бобоев, М.И. Ҳомидова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ – амалии «Энергетикаи минтақа: ҳолат ва рушди дурнамо» ДТТ М.С. Осимӣ.- Душанбе, 2019с.- С.197-201.

[11-М] **Ҳомидова М.И**. Сарфакорона истифодаи қувваи барқ пешрафти иқтисодиёти кишвар / Маводи конференсияи байналмилалии таҳти унвони «Муаммоҳои коркарди конҳои канданиҳои фоиданок»/ М.И.Ҳомидова, А.К.Сангинов // Бӯстон 2019. - С136 -138.

[12-М] **Хомидова М.И.** Пути совершенствования механизма управления электроэнергетической инфраструктуры Согдийской области Таджикистана / М.И. Хомидова // Proceedings of the XXIV International Scientific and Practical Conference Social and Economic Aspects of Education in Modern Society (Vol.1, December 25, 2020, Warsaw, Poland).- С 8 – 12.

[13-М] **Ҳомидова М.И.** Рушди устувори энергетикӣ, моҳият ва роҳҳои татбиқи он / Маводҳои конференсияи байналмилалии таҳти унвони «Муаммоҳои коркарди конҳои канданиҳои фоиданок» / М.И. Ҳомидова // Бӯстон, 2019.- С. 139 -140.

[14-М] **Ҳомидова М.И.** Кам намудани талафоти нерӯи барқ / М.И. Ҳомидова, А.А.Акрамов // Маводҳои конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Ҳолат ва мушкилоти асосии саноати кӯҳӣ - металлургии Тоҷикистон» Бустон, 2020.-С.109-110.

[15-М] **Ҳомидова М.И.** Стратегияи энергосарфа дар асоси истифодаи манбаъҳои барқароршаванда / М.И. Ҳомидова, А. Умаров //Маводҳои конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Ҳолат ва мушкилоти асосии саноати кӯҳӣ - металлургии Тоҷикистон» Бустон, 2020. - С. 117-119. .

[16-М] **Хомидова М.И.** Комплексная характеристика состояния производственной электроэнергетической инфраструктуры Согдийской области Республики Таджикистан / М.И. Хомидова // Актуальные проблемы управления – 2020. Материалы 25 – й Международной научно – практической конференции. Вып. 2 / Министерство науки и высшего образования Российской Федерации Государственный университет управления. – Москва : ГУУ, 2021.- С. 13.

[17-М] **Хомидова М.И.** Эффективность функционирования электроэнергетической инфраструктуры и региональное развитие / М.М. Авезова, М.И. Хомидова // Международная научно-практическая конференция «Электрические сети: надежность, безопасность, энергосбережение и экономические аспекты» матер. конф. Казань, 2021 г. – С. 7 – 12.

[18-М] **Ҳомидова М.И.** Энергосарфа – омили муҳими рушди саноатӣ/ М.И.Ҳомидова, У.Б.Одирматова // Форуми саноатӣ таҳти унвони «Қадамҳои устувор баҳри рушди саноати миллӣ». Бӯстон, 2021. - С.198-201.

[19-М] **Хомидова М.И.** Потери электроэнергии в распределительных сетях промышленных предприятий и методы их снижения / Хомидова М.И., Тошходжаева М.И., Мамуров А. // Международная научно-практическая конференция «Электрические сети: надежность, безопасность, энергосбережение и экономические аспекты» матер. конф. Казань, 2022с. С. 237 – 243.

[20-М] **Homidova M.** Failure Distribution Laws for 110 kV Overhead Power Lines in a Sharply Continental Climate [Текст] / Homidova M., M. Toshkhodzhaeva, E. Gracheva, Sh. Dadabaev, S. Valtchev // 2022 4th International Conference on Control Systems, Mathematical Modeling, Automation and Energy Efficiency (SUMMA) UNIVERSIDADE NOVA DE LISBOA. December 18, 2022. pp. 787-79. Индекс научного цитирования SCOPUS.

[21-М] **Ҳомидова М.И**. Таҳлили элементҳои асосии инфрасохтори электроэнергетикии вилояти Суғди ҶТ / М.И.Ҳомидова // Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Муаммоҳои муосири илмҳои дақиқ дар омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи кӯҳию металлургии кишвар» Бӯстон, 2023. С. 109 – 111.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

1. **Ризоқулов Тӯрақул Рабимқулович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм, инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо эродҳои зерин:

- электроғунҷоиши саноатӣ вилояти Суғд дар ҷадвали 6 ҳисоб карда шудааст. Хуб мешуд, дигар вилоятҳои ҷумҳурӣ нишон дода мешуд. Дар саҳифаи 21-и автореферат азнавкунии сохтори идоракунӣ дар дохили инфрасохтор нақши муҳим дорад, ки дар автореферат ин сохтори нав нишон дода нашудааст.

2. **Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович –** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи Донишгоҳи байналмилалӣ сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо чунин эрод пешниҳод гардидааст:

- дар автореферат хатогиҳои имлоӣ дида мешавад хуб мешуд, ки барои бозҳам сифати корро беҳтар гардонидани ислоҳ намояд.

- баъзе хулосаҳои муаллиф хислати умуминазариявӣ дошта, хуб мешуд он андешаҳо бо мисолҳои мушаххас тасдиқ карда мешуданд.

3. **Ғойибназаров Баҳодир Каримович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Донишкадаи такмили ихтисоси кадрҳо ва тадқиқотҳои оморӣ назди Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Ӯзбекистон

- натиҷаҳои бадастомада ва ҳисоббарории иқтисодӣ нисбатан эътимоднок мебуд, ки агар муаллиф барои муқаррар намудани омилҳои асосӣ –

нишондиҳандаҳое, ки ба самаранокии инфрасохтори электроэнергетикӣ таъсир мерасонанд, аз амсилаи регрессионӣ истифода мекард.

- шарҳи нисбатан муфассали таъсири омилҳои пешгӯишавандаи инфрасохтори электроэнергетикӣ ба тағйирёбии маҷмӯи маҳсулоти минтақавии пешгӯишаванда мувофиқи маҷсад буд.

- дар автореферат ҷанбаҳои алоҳидаи хавфҳои объективӣ ва субъективиеро, ки ба самаранокии инфрасохтори электроэнергетикӣ таъсир мерасонанд, ошкор нашудаанд.

- дар баъзе мавридҳо дар нусхаи русӣ хатоҳои услубӣ ва грамматикиро мушоҳида кардан мумкин аст.

**4. Урунов Асрор Алиҷонович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодии сиёсӣ ва андозагириҳои иқтисодии МФБДТ ТО "Дошингоҳи давлатии идоракунӣ" Федаратсияи Русия чунин эрод пешниҳод намудааст:

- "яке аз нишондиҳандаи самаранокии барқии иқтисод ҳаҷми электроғунҷоиш мебошад. Ҳаҷми ҳисобшудаи хароҷоти барқӣ маҷмӯи маҳсулоти минтақавии вилояти Суғд аз минтақаҳои дигари Тоҷикистон баландтар аст". Аммо дар матни автореферат натиҷаҳои ҳисоб зикр нашудаaанд.

**5. Мамадов Сайидмуродхон Валиевич** - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молия ва андози МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров. Эрод мавҷуд нест.

**Шуро диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар рафти иҷро кардани тадқиқоти илмӣ:**

– ***коркард карда шуд гояи илмӣ*** оид ба аҳамияти инфрасохтори электроэнергетикӣ дар рушди устувори иқтисодӣ, ки мувофиқи он вазифаи аввалиндараҷаи инфрасохтори электроэнергетикӣ таъминоти боэътимоди иқтисодиёт бо нерӯи барқ буда, фаъолияти пурсамари онро мебоист аз нуқтаи назари қонеъ гардонидани ниёзҳои стратегии иқтисодиёт баррасӣ намуд. Он дар фарқият аз тавсифоти мавҷуда, диққати аввалиндараҷаро на ба хусусияти истеҳсол ва интиқоли нерӯи барқ, балки ба самараи фаъолияти иқтисодиёт бо роҳи таъмини он бо ҳаҷми зарурии захираҳои электроэнергетикӣ медиҳад;

– ***коркард карда шуд*** матритсаи самара, ки мавқеи инфрасохтори электроэнергетикиро дар рушди устувори иқтисодӣ дар фазои «самараи инфрасохтор–самараи иқтисодиёт» дар асоси индикаторҳои маҷмӯӣ арзёбӣ менамояд. Чунин муносибати маҷмаавӣ имкон медиҳад, ки на танҳо самараи иқтисодии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ арзёбӣ карда шавад, балки механизми таъсири он ҳамчун як бутунии том ба рушди иқтисодиёт микдоран муайян гардад;

– ***пешниҳод карда шуд*** фарзияи таҳқиқот оид ба он, ки бояд чунин механизми ташкилӣ - иқтисодӣ таҳия намуд, ки он ба афзоиши самараи фаъолият ва рушди устувори иқтисодиёт ва ҳамчунин инфрасохтори электроэнергетикӣ оварда расонад. Дар ин сурат механизми ташкилӣ –

иқтисодии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ ва таъсири он ба рушди устувори иқтисодӣ ҳамчун ду гурӯҳи омилҳои ба ҳам вобаста – омилҳои дохилӣ, ки самараи иқтисодии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикиро муайян мекунанд ва омилҳои берунӣ, ки таъсири инфрасохтори электроэнергетикиро ба рушди устувори иқтисодиёт баррасӣ менамоянд, дида баромада шуд;

– ***исбот карда шуд,*** ки самараи иқтисодии таъсири инфрасохтори электроэнергетикӣ ба рушди устувори вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба самараи фаъолияти инфрасохтор баландтар мебошад. Дар умум инфрасохтори электроэнергетикии вилояти Суғд дорои захираҳои калони баланд бардоштани самараи фаъолият буда, танҳо аз нисф каме зиёди иқтидори иқтисодии худро истифода мебарад.

**Ахамияти назариявии тадкикот бо он асоснок карда мешавад, ки:**

– ***самаранок истифода шуданд*** усулҳои умумиилмӣ ва махсуси тадқиқоти иқтисодӣ, равиши комплексӣ, усули таҳлил ва синтез, таҳлили оморӣ, матритсаи бенчмаркенгӣ, арзёбии муқоисавӣ ва баҳодиҳии экспертӣ барои исботи таъсири микдории фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ ба рушди устувори иқтисодӣ;

– ***пешниҳод шуд*** тавсифи мафҳуми "инфрасохтори электроэнергетикӣ" ҳамчун маҷмӯи сохторҳои хидматрасонии бо ҳам алоқаманд ё иншооти электроэнергетикӣ, ки эҳтиёҷоти иқтисодиётро ба нерӯи барқ бетаваққуф ва эътимоднок таъмин менамояд ва асоси фаъолияти системаи иқтисодиётро ташкил мекунад;

– ***баён карда шуд*** таснифоти усулҳои мавҷудаи арзёбии самараи фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ ва дар асоси он методикаи арзёбии самараи фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ васоити индикатори интегралии дохилӣ ва таъсири он ба рушди устувори иқтисодӣ бо роҳи ҳисоби индикатори интегралии берунӣ. Дар маҷмаа ин индикаторҳо тариқи истифодаи усули бенчмаркинги дохилӣ дар асоси таҳияи матритсаи «самараи инфрасохтор – самараи иқтисодиёт» таҳлили муқоисавӣ карда шуданд;

– ***омӯхта шуд*** механизми ташкилии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ, ки аз чор самт иборат мебошад: фаъолияти нерӯгоҳҳои барқӣ - истеҳсол, хатҳои интиқоли барқ - интиқол, зеристгоҳҳои барқ - тақсимот ва низоми таъмини он - таъминот. Ҳар чор самт бо ҳамдигар алоқаманд буда, он занҷири ягонаро дар бар мегирад, ки тағйирёбии як зина тағйирёбии дигар зинаҳоро ба миён меоварад. Дар натиҷа инфрасохтори электроэнергетикӣ мақоми дар сатҳи лозимаи эътимоднокӣ ва ташаккулёбии энергетикӣ нигоҳ доштани таъминоти энергияро доро мебошад.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои тадқиқоти илмии бадастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

– ***коркард ва ҷорӣ карда шуд*** нуктаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашуда ва хулосаю пешниҳодоти диссертатсия дар Раёсати назорати давлатии энергетикии вилояти Суғли Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотнома тахти № 431 аз 21.06.2022с) ва, инчунин, тадбирҳо оид ба ташаккули консепсияи ташаккули механизми иқтисодию ташкилии фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ

дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ дар таҳияи воситаҳои таълимии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон (маълумотнома таҳти №431 аз 21.06.2022);

– ***муайян кард шуд,*** ки ҳангоми таҳлили муқоисавии фаъолияти зерсохторҳои инфрасохтори электроэнергетикӣ тариқи усули бенчмаркинги дохилӣ самараи фаъолияти ФҶСК “ШТБ” дар ш. Хуҷанд, ФҶСК “ШТБ” дар ш. Гулистон ва ШБ Бӯстон ва Исфара баланд буда, ба рушди устувори иқтисодии вилояти Суғд таъсири калон мерасонанд;

– ***арзёбӣ карда шуд*** электроғунҷоиши иқтисодиёти вилояти Суғд ва электроғунҷоиши соҳаҳои он, аз ҷумла, саноат, инчунин маҷмӯи маҳсулоти минтақавии истеҳсолнагардида. Маҳдудият ба дастрасии нерӯи барқ, талафоти зиёди он ва электроғунҷоиши нисбатан баланди иқтисодиёти вилоят сабабҳои асосии маҷмӯи маҳсулоти минтақавии нагирифташудаи Суғд мебошанд;

– ***пешниход гардид*** маҷмуи ҷораҳо барои баланд бардоштани самараи фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикии вилояти Суғд ва элементҳои он, ки ба ҷорӣ намудани системаи электронӣ асос ёфтааст. Дар натиҷа талафоти ками нерӯи барқ ба назар мерасад ва бояд ҳамаи элементҳои инфрасохтори электроэнергетикии вилояти Суғд системаи билингиро ҷорӣ намоянд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

– ***назария*** ба муқаррароти фундаменталӣ ва амалии консепсияи рушди устувори иқтисодӣ ва стратегӣ, аз ҷумла тариқи механизми ташаккули инфрасохтори электроэнергетикӣ ва баланд бардоштани самараи фаъолияти он дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ асос ёфтааст;

– ***ғояи таҳқиқот*** ба таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ дар самти рушди устувори иқтисодӣ тавассути баланд бардоштани самараи фаъолияти инфрасохтори электроэнергетикӣ, ҳуҷҷатҳои сиёсӣ, аз ҷумла баромад ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 (СМР-2030), маводи оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конференсияҳо ва дигар маводи таҳлилию таҳқиқотӣ сарчашма мегиранд;

– ***муқаррар карда шуд,*** ки натиҷаҳое, ки дар рафти таҳқиқот ба даст оварда шудаанд, инкишофи таҳқиқоти мавҷудаи назариявӣ, методологӣ ва амалӣ дар ин самт иҷрошударо ифода мекунанд;

– ***истифода бурда*** шуд маълумот аз таҳқиқотҳое, ки барои кишварҳо ва минтақаҳо дар самти таъсири инфрасохтори электроэнергетикӣ ба рушди устувори иқтисодӣ амалӣ шудаанд, ки дар тафовут бо он дар шароити вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти мусбии робита вуҷуд дорад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

– Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот бобати расидан ба ҳадафи гузошташуда, аз ҷумла интихоби мавзӯъ ва таҳияи нақшаи он, асосноккунии сатҳи мубрамияти он, муайян намудани мақсаду вазифаҳо ва ноил гардидан ба онҳо ифода ёфтааст. Муаллиф дар ҷамъоварӣ, банизомдарорӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ, асосноккунии заминаҳои

баландбардорӣ ва ташакули механизми ташкилӣ-иқтисодии ташаккули ифрасохтори электроэнергетикӣ саҳми худро гузошта, хулосаю пешниҳодоти илмиро ба даст овардааст ва дар асоси онҳо мақолаҳои илмиро чоп намудааст.

– мухаррароти асосии диссертатсия дар 21 кори илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия нашр гардидаанд;

– натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки тӯли солҳои 2017 – 2023 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза шудаанд.

Дар маҷлиси Шӯрои диссертатсионӣ аз 07 июни соли 2023 қарори сазовор донистани Ҳомидова Машҳура Исматҷоновна бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси Шӯрои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор 10 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Низамова Т.Д.**

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Ашурзода А.Н.**

Санаи барасмиятдарории хулоса 07 июни соли 2023